# КАЙҲОННАВАРДИ ХУРДАКАК



Дориюш Содиқӣ
Фотимаи Надофӣ


2



Он шаб Амин хеле хастаҳол буд. Ӯ ба ҷойгаҳаш рафт ва ба зудӣ хобаш бурд. Амин дар хоб табассум мекард. Ӯ хоб медид, ки кайҳоннаворд шудааст; як кайҳоннаварди хурд – бо либоси сабз ва як кулоҳи сафед.

Ӯ дар осмон парвоз мекард. Наздики абрҳо, наздики парандаҳо. Кайҳоннаварди хурдакак мехост тамоми дунёро бигардад.



4

Ӯ аз рӯи кӯҳҳо, ҷангалҳо, дарёҳо
ва шаҳрҳо парвоз кард.
Парвоз дар осмон хеле зебо буд.



Кайҳоннаварди хурдакак ба болои абрҳо рафт. Ӯ ба кураи Замин нигоҳ кард.





Кураи Замин хеле хурд буд, мисли як тӯби обранг.

Сипас кайҳоннаварди хурдакаки мо ба сӯи кураи Моҳ рафт. Кураи Моҳ мисли Замин гирд буд.



Кураи Моҳ аз Замин хеле хурдтар буд, мисли як тӯби сафеди бисёр хурд.

Кайҳоннаварди ҷасур ба сӯи Хуршед сафар кард. Хуршед хеле гарм буд. Нури он хеле зиёд буд.





Хуршед аз кураи Замин хеле бузургтар буд. Мисли як тӯби зарди калон.



Кайҳоннаварди хурдакак ба сӯи ситораҳо парвоз кард. Ситораҳо мисли Хуршед нуронӣ буданд.



Онҳо хеле зиёд буданд. Ситораҳо аз кураи Замин хеле дур буданд.

Кайҳоннаварди хурдакак мехост ба охири осмон бирасад. Ӯ рӯзҳову шабҳо парвоз кард.

У аз кураи Замин хеле дур шуда буд, вале кайҳоннаварди хурдакак натавонист ба охири осмон бирасад.



Дориюш Содиқӣ, Фотимаи Надофӣ. **Кайҳоннаварди хурдакак,** “Рӯшан”, 2011-16 саҳ

ISBN 978-99947-813-1-7

© “Рӯшан” 2011



## Кайҳоннаварди хурдакак


Муаллиф Дориюш Содиқӣ ва Фотимаи Надофӣ

Рассом Беҳруз Абдураззоқов

Муҳаррир Салими Зарафшонфар

Тарроҳ Юнусова Фарида

ISBN 978-99947-813-1-7

9 789994 781317

Ба чопаш 5.12.2011с. имзо шуд.
Андозаи 70х84 1/16. Ҷузъи чопӣ 2. Чопи офсет.
Қоғази офсетӣ. Адади нашр 1000 нусха
Дар ҶДММ "Орбита" чоп шудаст

Муассисаи нашриявии "Рушан", ш. Душанбе, кӯчаи Н. Махсум, 72
Тел.: 236-89-31, 93-440-13-34. E-mail: rushan75@mail.ru

"РУШАН"